Тақриз

Ба диссертатсияи доктории Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия», бо мушовирии илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарофзода Р.Ш., ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2025. – 387 с.)

Дар шароити муосири мураккаби муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки ҳамарӯза дар ҷаҳон вазъияти сиёсиву геополитикӣ, геоиқтисодиву ҳарбӣ тағйир ёфта истодааст, барои кишвари мо дарёфти маҳаки мувозина дар кулли муносибатҳои дохилӣ ва бо кишварҳои хориҷӣ ягона роҳи эмин мондан аз зиддияту ихтилофот ва зарбаҳои иқтисодиву геополитикӣ мебошад. Сухан дар бораи он меравад, ки ташаккули муносибатҳои гуногунҷанбаи байналмилаливу минтақавӣ, зиддияти байни абарқудратҳо ҷомеаи ҷаҳонро ба шароите дучор намудааст, ки ҳатто давлатҳои абарқудрат имрӯз наметавонанд кафолати амнияти аҳолӣ ва кишвари худро диҳанд. Дар ин шароит аксарияти кишварҳо дар ҷустуҷуи роҳу усулҳои ҳимоя намудани марзи кишвар, шаҳрвандони худ аз хатарҳои глобалӣ мебошанд. Яке аз роҳҳои таъмин намудани якпорчагии кишвар, нигоҳ доштани амнияту устувории давлат, рӯ овардан ба сиёсати нозук ва дурусти кишвар дар дохил ва дар муносибатҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла дар сиёсати ҳуқуқӣ ва махсусан ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, мавзуи пешниҳоднамудаи докторант Ҳукмиддин Сафарбекзода «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» бешубҳа мавзуи мубрамми рӯз аст, ки на танҳо аҳамияти илмиву назариявӣ дорад, балки он бештар аҳамияти амалӣ дошта, ба амнияту устувории сохтори давлатӣ таъсиргузор мебошад.

Докторант кушиш намудааст, ки мавзуи таҳқиқотиро ба бобҳои алоҳида тибқи талаботи мантиқи илмӣ тақсим намуда, таҳлил намояд. Рисола аз муқаддима, чор боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, ҷузъҳои он мукаммал

ва бобу зербобҳои минбаъда аз бобҳои пештара бармеоянд. Бояд қайд намуд, ки докторант тавонистааст, ки мавзуи илмии фундаменталиро бо намуна ва таҷрибаи мақомоти қонунгузориву Ҳукумати Тоҷикистон пайваст намуда, рисолаи илман асоснок пешниҳод намояд.

Ҳангоми шиносоӣ бо автореферат ва рисолаи илмӣ кории эҷодии докторант мушоҳида мегардад. Сафарбекзода Ҳукмиддин дар аксари масоили таҳлилнамудааш мустақилӣ ва эҷодкорӣ нишон дода, кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар заминаи таҳқиқоти анҷомшуда навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ пешниҳод намояд.

Дар заминаи таҳқиқот, докторант кушиш намудааст, ки хулосаҳои нави илмӣ - навгониҳо пешниҳод намояд. Аксари навгониҳои пешниҳодшуда лоиқи дастгирӣ буда, самти нави илмӣ ва ҷанбаҳои мушаххаси масоили таҳлилшударо ошкор месозанд. Масалан банди 12 навгониҳо оид ба фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ сухан меравад. Таърифи муаллифии фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод намудааст, ки он: «Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ мебошад, ки дар доираи навъҳои муайяни тамаддуну фарҳанг, дар муҳити фарҳангии ин ё он халқ, бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлати муайян ташаккул ёфта, ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити тағйирёбандаи таърихӣ ва фарҳангӣ тавассути ҳимояи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамояд»(дисс. С.25).

Муаллиф дар банди мазкур ва дар саҳифаҳои дахлдори автореферату диссертатсия дошгани фарҳанги баланди умумӣ ва ҳуқуқиро заминаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мешуморад. Дар навбати худ фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро заминаи ташаккулу рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти арзишҳои таърихӣ ва муосири ҳуқуқӣ-иҷтимоии фарҳанги миллӣ шуморида, ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии ҳамаи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро талаб мекунад.

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқ ва қонунгузории ҳар як кишвар вобаста аз омилҳои гуногун ташаккул меёбад. Боиси хурсандӣ аст, ки докторант фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистонро «ҷузъи тамаддуни тоҷикон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ» мешуморад ва рушди онро бо таъсири омилҳои таърихӣ-иҷтимоӣ, бо дарназардошти таҷрибаи таърихан инкишофёбандаи

фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон ва арзишҳои миллии фарҳангӣ-тамаддунӣ эътироф дорад, ки аз насл ба насл гузашта ба шароити нави ҳаёти ҷомеа мутобиқ карда мешавад.

Ба андешаи муаллиф, фарҳанги баланди ҳуқуқэҷодкунӣ дар кишвар ба вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ мусоидат мекунад. (дисс. С.25).

Таҳлили танҳо як банди диссертатсия моро ба ҷанбаҳои гуногуни масъала ошно сохта, хулосаҳои он моро ба андешаи амиқ оид ба фарҳанг, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ, таносуби байни онҳо инчунин дарки вобастагии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз падидаҳои фарҳангӣ меорад. Ҳуқуқ як ҷузъи фарҳанги амалӣ буда, аз омилҳои гуногуни ҳаётӣ вобаста аст ва метавонад бо тағйиру ташаккули самтҳои гуногуни ҳаёт, иқтисодиёт, муносибатҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ тағйир ёбад. Ин тағйирот низ дар заминаи фарҳанги ҳуқуқӣ сурат гирифта, моро ба шароити нав мутобиқ месозад. Мутобиқати меъёрҳои нави ҳуқуқэҷодкунӣ бо қонуниятҳои рушди ҷомеа, қобилияти дарки онҳоро аз ҷониби субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ талаб мекунад.

Қайд намудан лозим аст, ки муҳтавои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии докторант пурра акс шуда, барои шиносоӣ дар маҷаллаҳои феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Автореферат муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос менамояд. Рисола дастовардҳои кулливу фундаменталии илмиро дар бар гирифтааст. Дар баробари навгониҳои фундаменталӣ, ба андешаи мо муаллиф бояд навгониҳои мушаххаси илмиро, ки дар рисола кам нестанд, бояд ба ҳайси навгониҳо пешниҳод мекард. Новобаста аз ин рисола дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, муҳтавои он ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Рисола таҳқиқоти илмии «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия» таҳқиқоти ба анҷомрасида мебошад, тибқи талаботи илмӣ ва Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба илм андеша ва хулосаҳои нав ворид месозад ва аз ин сабаб сазовори дастгирӣ буда,

муаллифи он -Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Муқарриз:

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
профессор Буризода Э.Б.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 33,
E-mail: buriev-68@mail.ru,
Тел.: корӣ 221-65-85
мобилӣ 907-82-90-91

Имзои проф.Буризода Э.Б-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ Абдураҳмонзода Б.

«10» 04 с.2025